MAKTABGACHA VA MAKTAB TA'LIMI VAZIRLIGI

PEDAGOGIK MAHORAT VA XALQARO BAHOLASH ILMIY-AMALIY MARKAZI

Respublika Ta'lim Markazi

# ТАВСИЯИ МЕТОДӢ ВА МАВОДҲО БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ АТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ ФАННИ

# Таърихи Ӯзбекистон

## БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФҲОИ IX ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2023–2024 ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ



ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ ВА МАКТАБИИ
МАРКАЗИ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГӢ ВА ИЛМИЮ
АМАЛИИ БАҲОГУЗОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

ТАВСИЯИ МЕТОДӢ ВА МАВОДҲО БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ АТТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ ФАННИ

# ТАЪРИХИ ӮЗБЕКИСТОН

БАРОИ СИНФИ IX ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2023–2024
ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ



# СПЕТСИФИКАТСИЯИ ФАННИ ТАЪРИХИ ӮЗБЕКИСТОН БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ АТТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТӢ БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФИ 9-И МАКТАБҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНА ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2023-2024

**Мураттиб: Абдуҷалилова Нигора Абдусатторовна** - омӯзгори фанни таърихи “Мактаби махсусгардонидашудаи ба номи Муҳаммад Ал-Хоразмӣ”-и сохтори агентии муассисаҳои таълимии махсусгардонидашуда дар назди Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии Республикаи Ӯзбекистон.

**Эксперт: Деҳқонов Ғайрат Рӯзматович –** омӯзгори тоифаи олии фанни таърих ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ.

**Тарҷумон: Додобоев Холиқбердӣ Гулбоевич** - омӯзгори фанни таърих.

Донишомӯзоне, ки синфи 9-умро хатм кардаанд, аз рӯи барномаи таълимии таърихи Ӯзбекистон ба дараҷаи муайяни компетенсияҳо соҳиб мешаванд.

Бо мақсади аниқ намудани дониш, малака ва маҳорати донишомӯзон дар соли хониши 2023-2024 дар синфҳои 9 аттестатсияи ҷамъбастӣ дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ (даҳонӣ) гузаронида мешавад.

Савол ва супоришҳои ҳар як билети имтиҳонӣ аз фанни таърихи Ӯзбекистон мавзӯъҳои синфҳои 6-7-8-9–и мактабҳои таълими миёнаро дар бар гирифтаанд. Инчунин, дар тавсия саволҳо барои донистан, истифода бурдан ва мулоҳиза кардан оиди ин супоришҳо меъёрҳои баҳогузорӣ пешниҳод карда шудаанд.

Ҳар як донишомӯз як билетро интихоб мекунад. Дар билет ба донишомӯз 5-то савол дода мешавад. Саволҳо 2-тоаш барои донистан, 2-тоаш барои истифода бурдан ва 1- тоаш барои мулоҳиза кардан мебошад.

Ба саволи оид ба мулоҳиза ҷавоби шифоҳӣ (даҳонӣ) месупорад. Барои ба саволҳои билет ҷавоб додани донишомӯз 120 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

Корҳои шифоҳӣ (даҳонӣ) ва хаттии донишомӯзон дар асоси системаи 100-баллӣ:

0 – 29% – “ғайриқаноатбахш”;

30–65% – “қаноатбахш”;

66–85% – “хуб”;

86–100% – “аъло” баҳогузорӣ карда мешавад. Барои ҳар як супориш мондани балли зиёд аз балли муқарраршуда роҳ дода намешавад.

Як рӯз пеш аз санаи аттестатсияи давлатии ҷамъбастӣ супоришҳои додашуда аз ҷониби гурӯҳи корӣ бо роҳи қуръапартоӣ 2 вариант тартиб дода шуда, эълон карда мешаванд.

| **Таърихи Ӯзбекистон** | **Миқдор** | **Донистан** | **Истифода-барӣ** | **Мулоҳиза** |
|---|---|---|---|---|
| Осиёи Миёна дар таърихи дунёи қадим. | | 1 | | |
| Таърихи асрҳои миёна аз асри IV то асри XVI. | | 1 | | |
| “Даври се хонигарӣ “ аз асри XVI то миёнаҳои асри XIX. | | | 1 | |
| Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX. | | | 1 | 1 |
| **Ҷамъ** | **5** | **2** | **2** | **1** |

## МЕЪЁРҲОИ БАҲОГУЗОРӢ АЗ РӮИ СУПОРИШ

| **№** | **Номи бахш** | | **Намуди супориш** | **Шакли супориш** | **Меъёри баҳогузорӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Осиёи Миёна дар таърихи дунёи қадим** | | | | | |
| 1. | Шарқи қадим ва Осиёи Миёна<br>Осиёи Миёна дар асри VI - III пеш аз мелод | Д | Ҷавоби кӯтоҳ | Ҷавоб:_________ | Ҷавоби савол менавиштагӣ буда, барои ҷавоби дуруст **18 балл** баҳогузорӣ карда мешавад. Барои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | ҷавоби хато **0 балл** дода мешавад. |
| **Таърихи асрҳои миёна аз асри IV то асри XVI** | | | | | |
| 2. | Мовароуннаҳр дар давраи Хилофати Араб. Ташкилёбии давлатҳои мустақил дар Мовароуннаҳр. Мероси илмии аҷдодонамон хазинаи марбут ба адабиёт аст. Таърихи давраи Амир Темур. | Д | Ҷавоби кӯтоҳ | Ҷавоб:________ | Ҷавоби савол менавиштагӣ буда, барои ҷавоби дуруст **18 балл** баҳогузорӣ карда мешавад. Барои ҷавоби хато **0 балл** дода мешавад. |
| **“Даври се хонигарӣ“ аз асри XVI то миёнаҳои асри XIX**. | | | | | |
| 3. | Вазъияти сиёсии Мовароуннаҳр ва Хуросон дар охири асри XV - ибтидои асри XVI. Хонии Бухоро ва Аморати Бухоро. Хонии Хива. Хонии Қӯқанд дар асрҳои XVIII ва нимаи якуми асри XIX | И | Тести ҷадвалдор | Мувофиқкунӣ | Дар супориши шакли ҷадвал ба ҳар як савол ҷавоби мувофиқи онро нишон додан даркор.<br>3-4 савол ва<br>зиёда аз 3-4 варианти ҷавоб дода шудааст. Барои ҳама ҷавобҳои мувофиқ **21 балл** дода мешавад.Аз саволҳои 3-тоӣ барои 1 ҷавоби дуруст 7-балл, дар саволҳои 4- тоӣ барои 1 ҷавоби дуруст 5,25 балл. Барои ҳамаи ҷавоби нодуруст **0 балл** дода мешавад. |
| **Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX** | | | | | |
| 4. | Ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании хониҳои Ӯзбек дар миёнаҳои асри XIX. Забт гардидани Осиёи Миёна аз тарафи империяи Россия<br>Сиёсати | И | Харита | Ҳудуди дар харита ишорашуда | Супориши ҳудуди дар харита ишорашуда иҷро шавад, **21 балл.** Ҳудуд аниқ карда шавад, аммо супориш иҷро нашавад 10 балл. Барои ҷавоби хато **0 балл** дода мешавад. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | мустамликавии империяи Россия. | | | | |
| 5. | Ҳаракати миллии озодихоҳии Туркистон дар охири асри XIX. Қорақалпоқҳо дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX. Ҳаракати ҷадидӣ ва аҳамияти он дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маданӣ дар Туркистон. Туркистон ва ҷанги якуми ҷаҳон. Аморати Бухоро ва хонии Хива дар охири асри XIX-ибтидои асри XX. Ҳаёти мадании Туркистон дар шароити мустамликавӣ | М | Фикри мустақилона. Баён намудан ба воқеияти таърихӣ | Шифоҳӣ (Даҳонӣ) | - Агар сол ва санаро донад - 3 балл;<br>- Моҳияти савол, муаммоҳои ба ӯ алоқадорро дарк кунад ва ҷараёнро ба воқеаҳои имрӯза пайваст кунад - **5 балл**<br>- Бо харита кор карда тавонад - **4 балл;**<br>- Ба мавзӯъ баҳои таҳлили танқидӣ дода тавонад - **5 балл;**<br>- Ба саволҳои иловагии додашудаи ба мавзӯъ алоқаманд аз тарафи имтиҳонгир ҷавоб дода тавонад – **5 балл.**<br>**22 балл** |

## САВОЛҲОИ АТТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТӢ БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФИ 9-И МАКТАБҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНА АЗ ФАННИ ТАЪРИХИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2023-2024

### Саволи 1. ДОНИСТАН (18 балл). Таърихи дунёи қадим синфи 6

1. Дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод дар Ӯзбекистон ва ҳудудҳои ҳамсоя кадом қабилаҳо зиндагӣ мекарданд? **(Донистан-18 балл)**
Ҷ:______________________________________________________________________

2. Дар асри VII пеш аз милод дар ҳудуди Осиёи Миёна кадом давлатҳои қадима ташкил ёфта буданд? **(Донистан – 18 балл)**
Ҷ:______________________________________________________________________

3.Калимаи “ Пайғамбар” чӣ маъно дорад? **(Донистан – 18 балл)**

Ҷ:______________________________________________________________________

4. Кӣ ба мо имрӯз имконияти шинос шудан ба матнҳои китоби муқаддаси зардуштиён "Авасто"–ро дод? **(Донистан– 18 балл)**
Ҷ:______________________________________________________________
______________________________________________________________

5. Кадом худоёни зардуштиён сазовори эҳтиром буданд? **(Донистан – 18 балл)**
Ҷ:______________________________________________________________
______________________________________________________________

6. Маънои аслии умри зардуштиён аз чиҳо иборат буд? (**Донистан – 18 балл**)
Ҷ:______________________________________________________________
______________________________________________________________

7. Дар соли аввали ҳукмронии Дорои I дар куҷо ва таҳти роҳбарии кӣ шӯриши калони халқӣ сар зад? **(Донистан – 18 балл)**
Ҷ:______________________________________________________________
______________________________________________________________

8. Александри Македонӣ барои забти заминҳои Осиёи Миёна қариб се сол ҳаракат намуда, кадом ҳудудҳоро ба зери тассаруфи худ даровардан муваффақ шуд. **(Донистан – 18 балл)**

Ҷ:______________________________________________________________
______________________________________________________________

9. Ба давлати Кушон кай ва аз тарафи кӣ асос гузошта шудааст? **(Донистан – 18 балл)**

Ҷ:______________________________________________________________
______________________________________________________________

10. Роҳи бузурги Абрешим ба дарозии 12000 километр тӯл кашида, то ба кадом ҳудудҳо расидааст**? (Донистан -18 балл)**
Ҷ:______________________________________________________________
______________________________________________________________

## Саволи 2. ДОНИСТАН (18 балл) Таърихи Ӯзбекистон синфи 7.

1. Маънои калимаи Мовароуннаҳр чист? **(Донистан-18 балл)**
Ҷ:______________________________________________________________
______________________________________________________________

2. Дар ибтидои асри VIII аз тарафи арабҳо барои забт кардани ҳудуди Мовароуннахр кӣ ба юришҳои ҳарбӣ роҳбарӣ кардааст? (Донистан – 18 балл)
Ҷ:______________________________________________________________

3. Арабҳо дар ҳудудҳои забт кардаашон чӣ хел андозҳо ҷорӣ карданд ? **(Донистан – 18 балл)**
**Ҷ**:

4. Шӯриши “ Сафедҷомагон” дар солҳои чандум ва бо роҳбарии кӣ сар зада буд? **(Донистан – 18 балл)**
**Ҷ**:

5. Кӣ дар соли 900-ум тамоми Мовароуннаҳр ва Хуросонро зери дасти худ муттаҳид карда, шаҳри Бухороро ба пойтахти ин ду давлат табдил дод**?** **(Донистан – 18 балл)**
Ҷ:

6. Барои чӣ Султон Аловуддин Муҳаммад Хоразмшоҳ бо номи "Искандари Сонӣ" бузургдошт карда шуда буд? **(Донистан – 18 балл)**
Ҷ:

7. Зери шиори илтиҷоомези кӣ “ Ё Ватан, ё марги бошараф” ҳар як маҳалла, кӯчаву гузар, раставу масҷид, мадрасаву хонадон ба ҷанггоҳ табдил меёбад? **(Донистан -18 балл)**
Ҷ:

8. Ба улуси Чиғатой кадом ҳудудҳо дохил мешуданд? **(Донистан -18 балл)**
Ҷ:

9. Дар асрҳои IX-XII киҳо ба илму фан ҳиссаи бузург гузоштаанд? **(Донистан – 18 балл)**
Ҷ:

10. Ҷанге, ки дар таърих бо номи “ Ҷанги лой” машҳур шудааст, кай ва байни киҳо шуда буд ? **(Донистан -18 балл)**
Ҷ:

**Саволи 3. ИСТИФОДАБАРӢ (21 балл). Мувофиққунии тести чадвалдор. Таърихи Ӯзбекистон синфи 8**

**( Ба 1-то савол вариантҳои якчандто чавоб мувофиқ омаданаш мумкин)**

1.Ҳукмдорони зеринро бо маълумотҳои дар бораи онҳо мувофиқ кунед
**( Истифодабарӣ 21 балл)**

1) Ҳусайн Бойқаро

2) Заҳириддин Муҳаммад Бобур

3) Муҳаммад Шайбонихон

a) Дар давраи ӯ ҳаёти хочагӣ ва мадании давлат хеле ривоч ёфт.

b) Дар Мовароуннаҳр ба давлати нави ӯзбек асос гузошта шуд.

c) Орзуи ӯ ба даст овардани пойтахти салтанати Темуриён шаҳри Самарқанд буд.

d) Тахти Хуросонро соҳиб шуд.

e) Мақсади асосии ӯ тамоман барҳам додани салтанати Темуриён буд.

f) Тирамоҳи соли 1500 ба Самарқанд юришро оғоз намуд.

| 1) | 2) | 3) |
|---|---|---|
| | | |

2. Хонҳои Бухороро бо ислоҳотҳои дар амал татбиқ кардаашон мувофиқ кунед.
**(Истифодабарӣ – 21 балл)**

1) Убайдуллохон

2) Абдуллохон II

a) Бо мақсади ба тартиб даровардани иқтисодиёт ва ривочи савдо ислоҳоти пулӣ гузаронда буд.

b) Бахшида ба Мири Араб дар солҳои 1533-1536 дар Бухоро мадрасаи машҳур сохтааст.

c) Пойтахти хониро аз Самарқанд ба Бухоро кӯчонид.

d) Дар соҳаи харбӣ ислоҳот гузарондааст.

3) Муҳаммад Шайбонихон

e) Мувофиқи ислоҳоти пулӣ қиммати тангаи нави нуқрагин бо 30 тангаи мисӣ ва кӯҳнааш бо бисту ҳафт тангаи мисӣ баробар карда шуд.

f) Ба ҷои тангаҳои андозаву вазнашон гуногуне, ки то ин вақт дар муомила буданд, тангаи яхкела иборат аз 5,2 грамм аз нуқра ва мис сиккашуда ҷорӣ гардид.

| 1) | 2) | 3) |
|---|---|---|
| | | |

3. Лавозимҳои давлатии хонии Бухороро бо вазифаҳои ба онҳо вобасташуда мувофиқ кунед. (**Истифодабарӣ – 21 балл**)

1) Девонбегӣ

2) Парвоначӣ

3) Додхоҳ

4) Меҳтар

a) Дар мамлакат ба амал кардани меъёрҳои адолат назорат мекард.

b) Дар давлат корҳои молия ва хоҷагиро идора менамуд.

c) Бехатарии мамлакат, наздикони амир, дар бораи дӯстон душманони амир маълумотҳо ҷамъ мекард.

d) Ба ҳокимияти иҷроия роҳбарӣ кардааст.

e) Фармонҳои хон, ҳуҷҷатҳои расмиро ба шахсони масъул ва иҷрочиён мерасонид.

f) Аризаҳои ба даргоҳ омадаро қабул мекард ва ҷавоб мегардонд.

g) Дуруст истифода бурдани пули закот ва дигар даромадҳоро ба ҷойҳои зарурӣ сарф карданро назорат мекард.

| 1) | 2) | 3) | 4) |
|---|---|---|---|
| | | | |

4.Олимони таърихчии дар хонии Хива фаъолият бурдаро бо асарҳои машҳури навиштаи онҳо мувофиқ кунед. **(Истифодабарӣ – 21 балл)**

1) Огаҳӣ

2) Абдулғозӣ Баҳодурхон

3) Мунис

a) “Таърихи зеботарин”

b) “Фирдавс-ул-иқбол” (Боғи ҷаннат)

c) “Гулшани давлатҳо”

d) “Шаҷараи турк ва муғул”

e) “Боғи ҷаннати давлат”

| 1) | 2) | 3) |
|---|---|---|
| | | |

5. Ҳукмдорони зеринро бо маълумотҳои ба фаъолияти сиёсиашон мувофиқ муайян кунед. **(Истифодабарӣ– 21 балл)**

1) Оллокулихон

2) Муҳаммад Раҳимхони I

3) Абдулғозӣ Баҳодурхон

a) Асари “Шаҷараи турк”-ро навиштааст.

b) Дар ҷанги зидди Бухоро ҳалок шудааст.

c) Ба шартномаи Гандумиён имзо гузоштаст.

Хева бо девори мудофиавӣ иҳота шудааст.

e) Аз ҷиҳати сиёсӣ ба муттаҳидкунии хонии Хева шурӯъ намуд.

| 1) | 2) | 3) |
|---|---|---|
| | | |

6. Маълумотҳои дар бораи андоз ва маҷбуриятҳои хонии Хиваро мувофиқ кунед.. **(Истифодабарӣ – 21 балл)**

1) Солғут

2) Закот

3) Барот

4) Бегар

a) Андози замин дар хонии Хева

b) Ӯҳдадории 12-рӯзаи давлатӣ буда, аз ҳар як хонадони деҳот як кас ҷалб карда шудааст.

c) Дар вақти ҷанг аз аҳолӣ гирифта шудааст.

d) Ҳунармандон, савдогароне, ки ба савдои хориҷӣ машғул буданд ва чорводорон мепардохтанд.

e) Навъи асосии андоз дар хонии Хева.

f) Аз аввали сол ё якчанд сол пешакӣ ҷамъ намудани андоз.

| 1) | 2) | 3) | 4) |
|---|---|---|---|
| | | | |

7. Намояндагони адабиёти қорақалпоқро бо асарҳои эҷодкардаашон мувофиқ кунед. **(Истифодабарӣ– 21 балл)**

1) Ҷийен Ҷиров

2) Аҷиниёз

3) Бердақ

4) Кунхӯҷа Иброҳим

a) “Зарур”, “Мешавад”, “Набошад”, “Хуб”, “Йигитҳо”

b) “Нашуда буд”, “Умри ман” ва “Андоз”, “Ба писарам”, „Аҳмоқ машав“

c) “Ҳай йигитҳо, йигитҳо”

d) “Аҷиниёз”

e) “Алпомиш”, “Чилдухтарон”

f) “Даравгарон”, “Чӯпонҳо”, “Бо халқ”

| 1) | 2) | 3) | 4) |
|---|---|---|---|
| | | | |

8. Дар хониии Қӯқанд ҳукмдоронро бо маълумотҳои дар ҳаққи онҳо мувофиқ кунед. **(Истифодабарӣ– 21 балл)**

1) Норбӯтабий

2) Олимхон

3) Умархон

4) Муҳаммад Алихон (Мадалихон)

b) Шоҳзодаҳоеро, ки аз ӯ норозӣ буданд, ҳокими вилояту ноҳияҳои гуногун таъин намуд. Бо ин роҳ муқобилияти мухолифинро суст кард.

c) Дар давраи ӯ хонии Қӯқанд аз тарафи амир Насрулло забт шуда буд.

d) Дар давраи ӯ султони Империяи Усмонӣ мустақилии хонии Қӯқандро нисбат ба Аморати Бухоро эътироф намуда буд.

e) Ба камбағалону қаландарҳо замин ва чорво дода, онҳоро ба меҳнат чалб кард.

| 1) | 2) | 3) | 4) |
|---|---|---|---|
| | | | |

9. Ба лавозимҳои давлатии хониии Қӯқанд вазифаҳои вобасташударо мувофиқ кунед. **(Истифодабарӣ - 21 балл)**

1) Қӯшбегӣ

2) Мирзо

3) Мингбошӣ

4) Девонбегӣ

a) Сарвазир, Саркумондони лашкар ва мушовири хон оид ба масъалахои сиёсати берунӣ буд.

b) Мушовири махфии хон, супоришҳои алоҳидаро ичрокунанда ва ҳангоми зарурат ба сифати сафир фиристода мешавад.

c) Ба девонхонаи хон роҳбарӣ мекард, инчунин корҳои молиявиро идора мекард.

d) Ӯ ҳисоб-китоби даромади хазинаро мебурд.

e) Ҳокими бекигарии дорои лашкари худ.

f) Хизмати амнияти хонигариро идора мекард.

| 1) | 2) | 3) | 4) |
|---|---|---|---|
| | | | |

10. Андозҳо дар хонии Қӯқанд ва маълумотҳои дар бораи онҳоро мувофиқ кунед. **(Истифодабарӣ – 21 балл)**

1) Хироҷ

2) Қӯрабошӣ

3) Ҳақи дуд

4) Андози ҷамъ

a) Закоте буд, кӣ аз чорводорони кӯчманчӣ бо саршумори чорво ва кӯрааш нигоҳ карда мегирифтанд.

b) Аз тоифаи онҳое, ки закот намепардохтанд ба бек аз 9 чиз иборат инъом гирифта мешуд.

c) Баробари омадани баҳор пеш аз ба чарогоҳҳо кӯчида рафтан аз ҳар як хонадон як сар гӯсфанд гирифта мешуд.

d) Ҷамъ овардани андоз дар аввали сол ё барои чанд соли пешина.

e) Андози асосӣ буда, он бо назардошти миқдори майдон ва навъи зироат аз 1/3 то 1/5 қисми ҳосилро ташкил медод.

f) Ин закотро зимистон, вақте чорво дар кӯра нигоҳ дошта мешуд, ҷамъ мекарданд.

| 1) | 2) | 3) | 4) |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Саволи 4. ИСТИФОДАБАРӢ (21 балл). Кор бо харита.**
**Таърихи Ӯзбекистон синфи 9**

1. Дар асоси харитаи оид ба миёнаи асри XIX дар бораи ҳудуд, давлатҳои ҳамсарҳад ва аҳолии Аморати Бухоро маълумот диҳед. **(Истифодабарӣ – 21 балл)**



Ҷ:____________________________________________________________

2. Дар асоси харитаи оид ба миёнаи асри XIX дар бораи ҳудуд, давлатҳои ҳамсарҳад ва аҳолии хонии Хива маълумот диҳед. **(Истифодабарӣ – 21 балл )**



Ҷавоб:____________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

3. Дар асоси харитаи оид ба миёнаи асри XIX дар бораи ҳудуд, давлатҳои ҳамсарҳад ва аҳолии хонии Қӯқанд маълумот диҳед. **(Истифодабарӣ – 21 балл)**



Ҷавоб:________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

4. Ҷараёни забт карда шудани Осиёи Миёнаро  аз тарафи империяи Россия аз харитаи зерин шарҳ диҳед**. (Истифодабарӣ – 21балл)**




Ҷавоб:

5. Дар асоси харитаи зерин дар бораи вилоятҳои генерал-губернатории Туркистон маълумот диҳед. **(Истифодабарӣ – 21 балл)**




Ҷавоб:

6. Шаҳри дар харита бударо муайян кунед ва дар бораи он маълумот диҳед. **(Истифодабарӣ– 21 балл)**




Ҷавоб:

7. Дар асоси харитаи зерин дар бораи юришҳои ҳарбии империяи Россия ба муқобили хонии Хива ва сарзаминҳое, ки дар натиҷаи он забт карда шудаанд, маълумот диҳед. **(Истифодабарӣ– 21балл)**




Ҷавоб:

8. Дар асоси харита дар бораи ҳудудҳои дар солхои зерин ишғолкардаи Империяи Россия маълумот диҳед. **(Истифодабарӣ – 21 балл)**



1. Солҳои 1847-1865

2. Солҳои 1865-1868

3. Солҳои 1873-1879

4. Солҳои 1880-1885

9. Дар асоси харита сохтори маъмурию ҳудудии генерал губернатории Туркистонро шарҳ диҳед. **(Истифодабарӣ – 21 балл)**




Ҷавоб: ________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

10. Аз харита давлатҳои бо рақамҳо ишорашудаи ҳамсарҳади генерал-губернатории Туркистонро муайян кунед ва муносибатҳои байни давлатҳоро шарҳ диҳед.




Ҷавоб:

Саволи 5. МУЛОҲИЗА (22 балл). Таърихи Ӯзбекистон синфи 9

1. Дар сар шудани ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ чиҳо сабаб шуданд, барои пешгирии ин ҳаракатҳо чӣ кор кардан даркор буд? **( Мулоҳиза-22 балл)**

2. Чӣ фикр мекунед, барои пешгирӣ кардани “ Исёни вабо” чӣ кор кардан даркор буд. **(Мулоҳиза – 22 балл)**

3. Ба фикри шумо барои чӣ шӯриши Андиҷон (Дукчӣ эшон) ба мағлубият дучор шуд? **(Мулоҳиза – 22 балл)**

4. Бо кадом сабаб дар охири асри XIX - ибтидои асри XX дар қаропалқоқҳо шӯришҳои халқӣ сар зад? **(Мулоҳиза – 22 балл )**

5. Ба фикри шумо дар Осиёи Миёна барои ба вуҷуд омадани ҳаракати ҷадидӣ чӣ сабаб шуд ва онҳо дар чӣ хел шароит маҷбур шуданд, ки фаъолият баранд. **(Мулоҳиза – 22 балл)**

6. Ба фикри шумо барои чӣ шӯриши Ҷиззах ба мағлубият дучор шуд? **(Мулоҳиза – 22 балл)**

7. Ба фикри шумо чӣ кор кардан даркор буд, ки аморати Бухоро барҳам намехӯрд? **(Мулоҳиза – 22 балл)**

8. Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии фаъолияти ҷавонбухориёнро таҳлил кунед. **(Мулоҳиза – 22 балл)**

9. Ба фикри шумо, хонии Хиваро аз барҳамхурӣ чӣ хел нигоҳ доштан мумкин буд? **(Мулоҳиза - 22 балл)**

10. Ба фикри шумо, дар ривоҷёбии ҳаёти мадании Осиёи Миёна мавқеи ҷадидҳо чӣ гуна буд? **(Мулоҳиза - 22 балл).**